**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 15.06.2024, № 63

Барои сазовор донистани Алиев Султон Маҳмадшарифович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «В.А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва нақд» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 5-уми апрели соли 2024, суратмаҷлиси № 59 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Алиев Султон Маҳмадшарифович 14-уми майи соли 1980 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2002 факултаи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро бо ихтисоси муаллими забони англисӣ-немисӣ хатм кардааст.

Аз соли 2009 дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ба ҳайси ассистенти кафедраи забонҳои факултети муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумрук фаъолият дорад.

Алиев Султон Маҳмадшарифович аз соли 2017 ба ҳайси унвонҷӯйи шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқӣ машғул аст.

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Юсуфов Умриддин Абдукофиевич**.

**Муқарризони расмӣ: Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович,** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва

**Тоҳирзода Сурайёхони Тоҳирӣ,** номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар –** Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти классикии тоҷик Ҳоҷиев Абдуфаттоҳ, экперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Нуров Нуралӣ Норович ва котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, сармуаллими кафедра Азизов Сорбон имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои таърих, профессор Усмонзода Айюб Ислом пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Алиев Султон Маҳмадшарифович дар мавзуи «В.А. Жуковский ва адабиёти форсии тоҷикӣ: шинохт, баррасӣ ва накд» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Алиев, С.М. Валентин Алексеевич Жуковский – муҳаққиқи адабиёти форсии тоҷикӣ / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/7. – С. 203-205.

[2-М]. Алиев, С.М. Умари Хайём дар чашмандози илмии В.А. Жуковский / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2018. – № 5-1 (77). – С. 184-187.
[3-М]. Алиев, С.М. Саҳми В.А. Жуковский дар шинохти Анварӣ / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – № 5. – С. 179-183.
[4-М]. Алиев, С.М. Зиндагиномаи ховаршиноси мумтоз / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – № 6. – С.196-201.
[5-М]. Алиев, С.М. Ҳаёт ва фаъолияти В.А. Жуковский / С.М. Алиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 1. – С. 187-196.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Алиев, С.М. Рӯдакишиносӣ дар чашмандози илмии шарқшиносони рус / М. Муллоаҳмад, С.М. Алиев // Осор. Ҷилди IV (Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот). – Душанбе: Аржанг, 2017. – С. 380-396.
[7-М]. Алиев, С.М. Арзиши адабии осори забоншиносии В.А. Жуковский / С.М. Алиев // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Ҷанбаҳои забоншиносӣ ва иҷтимоии тарҷума дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот». – Душанбе, 2022. – С. 222-228.
[8-М]. Алиев, С.М. Исследование литературы и культуры Иранского народа в научных трудах В.А. Жуковского / С.М. Алиев // Материалы международной конференции «Современные стратегии развития общества, науки и образования». – Москва, 2023. – С. 45-50.
[9-М]. Алиев, С.М. В.А. Жуковский ва таҳқиқи жанри қасида дар ашъори Анварӣ / С.М. Алиев // Маводи конференсия ҷумҳуриявии «Рушду таҳаввули жанри қасида дар адабиёти форсу тоҷик». – Бохтар, 2023. – С. 225-231.
[10-М]. Алиев, С. М. Саҳми В.А. Жуковский дар рушди забоншиносии форсӣ / С.М. Алиев // Забон – ҳастии миллат (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами луғатшиносии тоҷик: мушкилот ва дурнамо»). – Душанбе, 2023. – С. 265-272.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии

илмҳои Тоҷикистон **Қаландариён Ҳоким Сафар** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант чаҳор эрод манзур шудааст:

1. Аз матни автореферат бармеояд, ки муаллиф дар бораи яке аз самтҳои фаъолияти В.А. Жуковский, ки тарҷумаҳо мебошанд, муфассал маълумот додааст. Бояд қайд кард, ки аз зумраи таълифоти ӯ тарҷумаҳое аз фаромини шоҳони Эрон мебошад, аммо дар автореферат дар бораи ин тарҷумаҳо чизе гуфта нашудааст.

2. Ҳарчанд забони тоҷикии автореферат равон ва ҷавобгӯи усули илмист, аммо баъзан тарҷумаи русӣ бо тоҷикӣ мувофиқат намекунад. Масалан, *«Шарҳи ҳоли илмии В.А. Жуковский»* ба русӣ дар шакли *«Обзор научных результатов В.А. Жуковского»* омадааст, ки нодуруст аст, бояд *«Научная биография В.А. Жуковского»* бошад; фасли дувуми боби аввал дар забони тоҷикӣ *«Осори илмии В.А. Жуковский»* омадаст, аммо дар тарҷума *«Научная работа В.А. Жуковского»* омадааст, ки дуруст нест, бояд *«Научные труды В.А. Жуковского»* тарҷума шавад.

3. Дар варианти русии автореферат фасли якуми боби сеюм дар ду ҷой ва ду шакли мухталиф омадааст (саҳ. 42 ва саҳ. 46), ки албатта, хатои техникӣ мебошад.

4. Хуб мешуд, агар муаллиф дар бораи арзиши корҳои илмии В.А. Жуковский дар риштаи забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар қиёс бо корҳои шарқшиносони дигар нуқтаи назари хешро иброз медошт. Ҳамчунин, маълум аст, ки давомдиҳандаи корҳои илмии В.А. Жуковский шогирдони ӯ А.А. Ромаскевич, В.А. Иванов ва А.Н. Марр буданд. Дар бораи кадом қисмати корҳои ӯро шогирдонаш такмил додаанд, назари муаллифи диссертатсия дида намешавад.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент **Ғаффоров Мизроб** низ мусбат буда, ддар баробари зикри дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби муаллифи диссертатсия эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Боби сеюм бояд аз се фасл иборат бошад. Муаллиф пас аз овардани номи боб ба масъалаҳои адабиёти шифоҳӣ, ки В.А. Жуковский ҷамъоварӣ ва нашр кардааст, мепардозад, вале овардани номи онро фаромӯш намудааст. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ин ғалат ислоҳ гардад.

2. Азбаски китоби В.А. Жуковский «Сарфу наҳви мухтасари забони нави форсӣ» (ҳаммуаллифӣ бо К.Г. Залеман) яке аз китобҳои маъруфи грамматикаи забони форсӣ мебошад, муаллифи рисоларо салоҳ будӣ, арзиши илмӣ ва таълимии онро бештар таҳқиқ кунад ва агар имкон медошт, тарҷумаи ин

дастури муфиди омӯзиши забони форсиро, ки имрӯз ҳам аҳаммияти худро ҳифз карда меояд, анҷом медод.

**3. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» **Аҳмадов Сафармад**, дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба баъзе камбудиҳои автореферат ишора шудааст:

1. Муаллифи автореферат баъзан калимаҳоро дар таркиби ибора нодуруст меорад, ки ин амал боиси халалдор гардидани иртиботи маъноии калимаҳо мегардад. Барои мисол, ба ҷойи ибораи «илми ховаршиносии рус» – «илми ховаршиносони рус» (саҳ. 4) ва ба ҷойи «адибони форсигӯ ва ё форсизабон» «адибони форсӣ» (саҳ. 5) мегӯяд, ки ин ибораҳои сохтаи ӯ мантиқан нодурустанд.

2. Дар автореферат аҳёнан ҷумлаҳои услубан ғалат ба назар мерасанд. Барои мисол, байни ин ду ҷумлаи сода, ки дар таркиби як ҷумлаи мураккаби тобеъ оварда шудаанд, иртиботи маъноиву мантиқӣ мавҷуд нест: «Бинобар ин, дар ин ҷо саъй шудааст, ки муайян кардани ҷойгоҳи илмии В.А. Жуковский дар ховаршиносии рус ва Аврупо аз авлавиятҳои ин таҳқиқ ба шумор меравад (саҳ. 6).

3. Ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ дар матни автореферат аҳёнан ба назар мерасанд (саҳифаҳои 5, 7, 12, 14, 15).

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Алиев Султон Маҳмадшарифович бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти адабиётшиносӣ ба омӯзиши зиндагинома ва таълифоти илмии В.А. Жуковский пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси осори илмии зерин сурат гирифтааст: а) осори адабиётшиносии – «Алӣ Авҳадуддин Энверӣ», «Умари Хайём ва рубоиёти сайёр», «Роҷеъ ба таърихи адабиёти форсӣ дар аҳди Сомониён», «Дар бораи адабиёти форсӣ»; б) осори забоншиносӣ ва фолклоршиносӣ – «Мавод барои омӯзиши гӯйишҳои форсӣ», «Намунаҳои эҷодиёти халқии форсӣ», «Сарфу наҳви мухтасари забони нави форсӣ» (ҳаммуаллифӣ бо К. Г. Залеман); в) осори таърихшиносӣ –

«Осори бостон дар кишварҳои Соҳили Каспий. Харобаҳои Марви куҳан»; г) осори ирфонӣ – «Таронаҳои Пири Ҳирот»; ғ) номаҳои В.А. Жуковский. Асарҳои мазкур дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард шудаанд;**

- масъалаҳои марбут ба ҷараёни зиндагӣ ва муҳимтарин марҳилаҳои камолу инкишофи шахсияти илмии ховаршиноси барҷастаи рус В.А. Жуковский **баррасӣ гардида**, моҳият ва аҳаммияти асарҳои ӯ зимни таҳқиқоти мавриди гуфтугӯ **муайян гардидаанд;**
- хусусиятҳои мавзуии таълифоти илмии илмии В.А. Жуковский дар заминаҳои адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, фолклор ва адабиёти ирфонӣ **таҳқиқу баррасӣ гардида, арзишу** моҳияти асосии онҳо, ки дар бораи адабиёту фарҳанги мардуми эронӣ мебошад, **собит шудааст;**
- мухтассоти осори шифоҳии мардуми эронӣ ва гӯйишҳои форсӣ аз ҷониби ховаршиноси рус **мушаххас карда шудаан**д;
- масъалаҳои адабӣ дар осори таърихшиносӣ ва забоншиносии В.А. Жуковский **муайян шуда,** нуктаи назари олим ба адабиёти давраи Сомониён, намояндагони муҳимми он, мисли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Анварӣ, Абуллоҳи Ансорӣ, Бобо Тоҳири Урён ва Умари Хайём **ба доираи пажуҳиш фаро гирифта шудаанд.**

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола омӯзиш ва шинохти ҷанбаҳои гуногуни таълифоти илмии В А. Жуковскийро комилтар гардонида, дар баррасии афкори илмӣ-назарии мутафаккир дар самтҳои адабиётшиносӣ, фолклоршиносӣ, забоншиносӣ ва таърихшиносӣ метавонад накши муҳим дошта бошад.

Таҳлилҳои анҷомёфта, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада дар баррасӣ, шинохт ва накди адабиёти форсии тоҷикӣ, ки аз ҷониби В.А. Жуковский дар нимаи дувуми асри XIX ва аввали асри XX анҷом пазируфтааст, мусоидат карда метавонанд. Натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои пажуҳишии муҳаққикро дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои ҳамгун ва зимни баррасии дигар ховаршиносон низ метавон истифода бурд.

Арзиши амалии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар рисола фароҳамомада ва натиҷаҳои таҳқикро метавон ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ ва омода намудани китобҳои дарсӣ аз таърихи адабиёт барои факултетҳои филологӣ ва шарқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба адабиёти форсӣ, таҳияи корҳои курсӣ ва таълифи маводи таълимӣ мавриди истифода қарор дод.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии адабиётшиносон ва шарқшиносони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла А.Т. Тоҳирҷонов, М.Н. Усмонов, М. Муллоаҳмад, С. Забеҳуллоҳ, А. Мирзоев, А. Афсаҳзод, А. Сатторзода, Ш. Мухтор ва афкори назарии олимони хориҷӣ, аз ҷумла В.В. Бартолд, С.Ф. Олденбург, А. Кримский, В.Р. Розен, К.Г. Залеман, В.Ф. Минорский, И.Н. Березин, Б. Дорн, Н. Хаников, В.А. Иванов, В.В. Григорев, Е.Э. Бертелс, Ю.Н. Марр, К. Чайкин, А. Семенов, А.А. Ромаскевич, М.Н. Боголюбов, В. Истрин, Ю.Э. Боршевский, О.И. Смирнова, П.П. Бушев, С.М. Шапшал, М.М. Умняков, А.М. Мугинов ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои таърихӣ-муқоисавӣ, библиографӣ, таҳлили сохтору муҳтавои матн ва асарҳои методологии ховаршиносии муосир истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои дар рисола суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии бакоргирифтаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажуҳишҳо оид ба таълифоти илмии шарқшиноси барҷастаи рус В.А. Жуковский ва масоили марбут ба адабиётшиносии форсии тоҷикӣ метавон истифода бурд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои омӯхтанашудаи таърихи адабиёт форсии тоҷикӣ, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба адабиёти форсӣ, махсусан, таълифоти В.А. Жуковский ва таъини арзиши илмии асарҳои ҳамгун мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷъ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва омӯзишу таҳқиқи осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули ҷӯстуҷӯ ва фаъолияти илмии чандсолаи муаллиф буда, саҳми фардии ӯ дар гирдоварӣ ва таҳқиқи маводи фаровони илмӣ роҷеъ ба фаъолияти илмии В.А.

Жуковский ва дар ин замина муайян намудани хусусиятҳои баррасии адабиёти форсии тоҷикӣ мушаххас мешавад.

Муаллиф бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи масъалаҳои адабиётшиносӣ, муайян сохтани арзиши илмии онҳо, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15-уми июни соли 2024 дар бораи сазовор донистани Алиев Султон Маҳмадшарифович ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 11 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, №19/шд), аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ) иштирок доштанд.

Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Сироҷиддини Эмомалӣ

15.06.2024.